# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ пешниҳод шудааст**

Автореферати диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон ба яке аз масъалаҳои муҳими таърихи муосири Тоҷикистон – омӯзиши раванди ташаккул ва рушди ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар давраи аз соли 1955 то соли 2021 бахшида шудааст. Мавзуи интихобнамудаи муаллиф дорои аҳамияти муҳими илмӣ ва амалӣ буда, омӯзиши ҳамаҷонибаи он барои боз ҳам ғанӣ гардонидани таърихи маҳаллии Тоҷикистон ва таърихи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

Муаллиф дар автореферат кӯшиш намудааст, ки масъалаи рушди ноҳияи Масчоҳро на дар доираи як соҳаи алоҳида, балки ҳамчун маҷмуи равандҳои ба ҳам алоқаманди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мавриди омӯзиш қарор диҳад. Чунин муносибати комплексӣ барои муайян намудани хусусиятҳои рушди ҷомеаи маҳаллӣ ва нишон додани таъсири дигаргуниҳои сиёсиву иқтисодӣ ба ҳаёти аҳолӣ аҳамияти калон дорад.

Дар автореферат мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ба таври равшан ифода ёфтаанд.

Мубрамии мавзуи таҳқикро 4 банди дар автореферат зикршуда пурра тасдиқ менамояд.

Дараҷаи омӯзиши таҳқиқи мавзуъ нишон медиҳад, ки то ҳанӯз мавзуи мазкур то андозае дар осори муҳаққиқони ватанӣ, асарҳои илмӣ, маводи оморӣ, маҷмуаҳои таърихӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ инъикос ёфтааст. Бо вуҷуди ин, таҳлили маҷмуӣ ва хронологии рушди ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ дар солҳои 1955–2021, бахусус дар заминаи муқоисаи марҳилаҳои гуногуни таърихӣ – давраи шуравӣ, солҳои гузариш ва давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, то имрӯз ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба мавриди таҳқиқи махсус қарор нагирифтааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои таърихии ташакулёбӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ ба шумор меравад, ки муаллифи диссертатсия пурра мақсаду вазифаҳои дар наздаш гузошташударо иҷро намудааст.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ гуногунҷабҳа буда, пеш аз ҳама дар заминаи талаботи илми таърихшиносии муосир бе истифодаи ягон қолаби идеологӣ ё чаҳорчӯбаи муқарраршудаи сиёсӣ анҷом ёфтааст. Ба замми ин осори илмии бунёдии таърихи халқи тоҷик, таҳқиқоти олимони шинохтаи ватанӣ ва хориҷӣ, муқаррароти муайян намудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба самтҳои афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар ҷумҳурӣ ҳамчун заминаи назариявӣ истифода шудаанд.

Навгони илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба масъалаи ташкилёбии ноҳияи Масчоҳ, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ба маркази калони кишоварзӣ табдил ёфтани он дар ду марҳалаи таърихӣ дар доираи як рисолаи илмӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки бори аввал дар асоси таҳлили доираи васеи маводи бойгониҳо, маълумоти омориву санадҳои меъёрӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва адабиёти илмӣ таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021) мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифт. Натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои илмии рисола ба раванди омӯзиши таърихи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, махсусан омӯзиши таърихи давраи навтарини халқи тоҷик ба мутахассисони соҳаи таърих ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ кӯмак хоҳад намуд.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, рисола аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, баррасии натиҷаҳо, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Автореферат бо забони равон, илмӣ таҳия шудааст, ки аз сатҳи баланди омодагии илмии муаллиф ва дониши методологиву таҳлилии ӯ шаҳодат медиҳад. Аз банду баст ва муҳтавои автореферат муайян мегардад, ки диссертатсияи мазкур мувофиқ ба талаботи мавҷудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро шуда, ҷавобгӯи он мебошад.

Муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақолаи илмӣ дар маҷмуи мақолаҳои конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ба нашр расонидааст.

Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ, ки дар ҷараёни ин таҳқиқот баён гардидаанд, бо далелҳои муътамад ва асосҳои илмӣ пурра тасдиқ ва тақвият ёфтаанд.

Автореферати диссертатсияи автореферати диссертатсияи Қозизода Шӯҳратҷон дар мавзуи «Таърихи инкишофи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Масчоҳ (1955-2021)», бо риояи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни таҳия талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ»-ро, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, пурра ба инобат гирифтааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамин тавр, бо такя ба муҳтавои автореферати диссертатсия метавон ба хулоса омад, ки ин таҳқиқот дар сатҳи баланд анҷом ёфта, муаллиф сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих, 6D020301 – Таърихи ватанӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020301 – Таърихи ватанӣ),
муаллими калони кафедраи таърихи
халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ватанзода Шердил Ватан

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Кӯлоб, маҳ. Ш.Шоҳин 29/7
Тел: +992 988026304
E-mail: sherdil.isufov@mail.ru

«Имзои доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи
ихтисоси таърих Ватанзода Ш.В.–ро тасдиқ менамоям»:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ Давлатзода М.А.

«31» 08 соли 2026

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, куч. С. Сафаров, 16
Тел: +992(83322) 2-35-06; +992(83322) 2-35-09.
E-mail: info@kgu.tj; Сомонаи расмӣ: www.kgu.tj.